آواز تاجیک

*Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

**Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)**

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

**4 апрели соли 2026 Шанбе № 27 (15246)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МАСЪАЛАҲОИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ, ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо муаррифии пешниҳодҳое, ки ба такмили минбаъдаи низоми таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия нигаронида шудаанд, шинос гардид.***

Солҳои охир дар мамлакат ҷиҳати фарогирии бештар бо таҳсилоти олӣ, баланд бардоштани сифати таълим, таҳкими иқтидори илмӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ислоҳоти густурда амалӣ мешаванд. Илова бар ин, масъалаҳои истифодаи босамар аз иқтидори мавҷудаи низом, пайванди қавии илму фан бо иқтисодиёт ва амиқсозии ҳамгироии таълим ва тадқиқот вазифаҳои амиқ боқӣ мемонанд.

Бинобар ин, дар тақдимот чорабиниҳои нав, ки оид ба такмили низоми таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия таҳия гардидаанд, баррасӣ шуданд.

Аз ҷумла, барномаи «U10 – донишгоҳҳои пешсафи Ўзбекистон дар сатҳи ҷаҳонӣ» татбиқ мегардад. Дар доираи барнома, дар асоси озмун ба 10 муассисаи таҳсилоти олӣ мақоми донишгоҳи миллии тадқиқотӣ тақдим гардида, дар онҳо кластерҳои илмӣ таъсис дода мешаванд.

Ин озмун дар асоси нишондиҳандаҳое чун иқтидори ҳайати профессорону устодон ва олимон, мавқеи муассисаҳои иштирокдор дар рейтингҳои миллӣ ва байналмилалӣ, вазъи инфрасохтори илмӣ ва имкониятҳои молиявӣ баргузор мегардад.

Кластерҳои илмии таъсисёфта ҳамчун як низоми ҳамкорӣ (консорсиум) байни ташкилотҳои таълими олӣ, муассисаҳои илмӣ ва корхонаҳои саноатии маҳалливу хориҷӣ фаъолият хоҳанд кард.

Ба донишгоҳе, ки мақоми донишгоҳи миллии тадқиқотиро мегирад, барои ташкили кластери илмӣ аз ҳисоби Хазинаи маблағгузории илму фан ва дастгирии инноватсияҳо то 150 миллиард сўм маблағ ҷудо карда мешавад.

Ҳамчунин, дар низоми таълими олӣ ҷорӣ намудани механизмҳои маблағгузории ба натиҷа нигарондашуда пешбинӣ шудааст.

Бахусус, аз соли 2027 низоми ҳавасмандсозии молиявии муассисаҳои таълими олӣ вобаста ба натиҷаҳои онҳо дар рейтингҳои миллӣ роҳандозӣ мешавад.

Дар ин раванд донишгоҳҳо аз рўи меъёрҳое чун сифати таълим, фаъолияти илмӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, рақамисозӣ ва таъмини шуғли хатмкунандагон баҳогузорӣ мешаванд.

Ҳамчунин, барои ташаккул додани ҳаҷми маблағҳое, ки ба донишгоҳҳо барои таҳсили донишҷўён аз ҳисоби гранти давлатӣ ҷудо мешаванд, тамоюлҳои нав пешниҳод гардиданд. Акнун нишондиҳандаҳое чун сатҳи мураккабии ихтисос, талаботи бозори меҳнат, рейтинги донишгоҳ, омилҳои минтақавӣ ва ҳавасмандгардонии меҳнати ҳайати профессорону устодон ба назар гирифта мешаванд.

Ҷорӣ намудани низоми нави маблағгузории тадқиқоти илмӣ низ пешбинӣ шудааст. Бахусус, на камтар аз 50 фоизи маблағҳое, ки дар доираи барномаҳои давлатии илмӣ ҷудо мегарданд, ба самтҳои афзалиятнок равона карда мешаванд. Интихоби лоиҳаҳо дар ҳамкорӣ бо коршиносони байналмилалӣ, шўроҳои илмӣ-техникӣ ва корхонаҳои соҳавӣ амалӣ мегардад.

Ҳамчунин, низоми нав, ки ба тавсеаи тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ нигаронида шудааст, пешниҳод шуд.

Аз ҷумла, тавассути таъсиси корхонаҳои «spin-off» дар назди донишгоҳҳо, дар заминаи занҷири «соҳа – корхона – муассисаи таҳсилоти олӣ – ташкилоти илмӣ» роҳандозии истеҳсоли маҳсулот ва хидматрасониҳои инноватсионӣ дар назар аст.

Мақсад – татбиқи натиҷаҳои илму фан дар амал, пурзўр намудани интиқоли технологияҳо ва баланд бардоштани фаъолнокии соҳибкории донишгоҳҳо мебошад.

Бо мақсади ба маркази минтақавии таълим табдил додани Ўзбекистон механизмҳои нави ҷалби донишҷўёни хориҷӣ пешниҳод гардиданд. Аз ҷумла, барномаи «Стипендияи Ўзбекистони Нав» роҳандозӣ хоҳад шуд, ки ҳар сол ҷудо кардани грантро барои таҳсил гирифтани то 500 нафар шаҳрвандони хориҷии боистеъдод дар муассисаҳои давлатии таълими олӣ пешбинӣ менамояд.

Дар муаррифӣ инчунин дигар ташаббусҳои муҳим, ки ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, рушди таълими рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, дастгирии ташаббусҳои инноватсионии ҷавонон нигаронида шудаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Сарвари давлат аҳамияти таҳияи ҳамаҷонибаи пешниҳодҳои муаррифишуда ва марҳила ба марҳила ҷорӣ кардани онҳо, ба сатҳи сифатан нав баровардани низоми таҳсилоти олӣ ва илму фанро таъкид намуд. Ба масъулон супоришҳои дахлдор дода шуданд.

**ЎзА.**

*Дар Маҷмааи миллии намоишгоҳҳои «Ўзэкспомарказ» намоишгоҳи байналмилалии «Маҳсулоти озуқаворӣ, ингредиентҳо ва технологияҳои истеҳсолӣ – UzFood 2026» ифтитоҳ ёфт.*

*Дар намоишгоҳ зиёда аз 500 ширкат аз 26 кишвар иштирок доранд. Дар байни онҳо экспозитсияҳои миллӣ ва дастаҷамъии пешсафи Олмон, Беларус, Русия, Куриё, Лаҳистон ва Таиланд, инчунин ширкатҳои сершумор аз Чин, Ҳиндустон, Туркия, Италия ва Малайзия ҳузур доранд. Тибқи анъана, дар намоишгоҳ барои мутахассисон тамоми намудҳои маҳсулот – аз ингредиентҳо ва таҷҳизот то маҳсулоти тайёр – ба намоиш гузошта шудаанд.*

***Дар сурат:*** *дар намоишгоҳи байналмилалии «Маҳсулоти озуқаворӣ, ингредиентҳо ва технологияҳои истеҳсолӣ – UzFood 2026».*

***Суратгир: С. ЎРМОНОВ (ЎзА).***




*Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон*

# ДАР БОРАИ ОМОДАГИИ ВАСЕЪ ВА БАРГУЗОР НАМУДАНИ ҶАШНИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

Соҳибихтиёрии миллӣ ва истиқлолияти давлатӣ муҳимтарин шарту заминаи рушди сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳар як мамлакат ба ҳисоб меравад. Ин омилҳои ҳалкунанда барои ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи муносиб ишғол намудани давлат, таъмини зиндагии осоишта ва фаровони мардум ва ҳифзи ҳамаи манфиатҳои он хидмат мекунад.

Истиқлолияти миллии мо натиҷаи иродаи қатъии халқи мард ва диловарамон, амалӣ шудани орзуву умедҳои ниёи фидокорамон, ки дар роҳи истиқлол мубориза бурдаанд, пойдевори мустаҳками корҳои накўямон, ки барои бунёди Ўзбекистони Нав нигаронида шудаанд, инчунин, арзиши бузург ва муқаддасе мебошанд, ки мо бояд онро ба наслҳои оянда бекамбуд расонем.

Таҳрири нави Конститутсияи мо, ки дар худ кафолатҳои сиёсиву ҳуқуқии ғояҳои соҳибихтиёрии миллии мамлакат ва истиқлолияти давлатиро таҷассум менамояд, инчунин роҳи рушди мо – дар асоси Стратегияи «Ўзбекистон – 2030», ҷиҳати арҷгузории қадру қимати инсон, таҳкими фазои дўстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеаи сермиллати мо, ҳифзи урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, таъмини сулҳу субот дар кишвар, пурзўр намудани иқтидори мудофиавии он, рушди ҳамсоягии нек дар минтақа ва баланд бардоштани обрўю эътибори Ватани мо дар арсаи байналмилалӣ такягоҳи мустаҳкам гардидааст.

Бо назардошти аҳамияти бузурги истиқлолияти миллӣ дар таърихи давлатдорӣ, ҳаёти имрўза ваояндаи кишвар, бо мақсади мутобиқ ба иқтидори бузурги имрўза ва нуфузи Ўзбекистони Нав дар арсаи ҷаҳонӣ дар сатҳи баланд ва ба таври шоиста гузаронидани 35-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон, қарор мекунам:

1. Инҳо:

а) консепсия ва барномаи ғоявию бадеӣ, ки дар худ ғояи асосии **«Ҳамчун як Ватан, як халқ, ҳаёт ваояндаи навро меофарем!»** таҷассум намудааст, мувофиқи замимаҳои 1 ва 2;

б) ҳайати Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба омодагӣ ва гузаронидани 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон мувофиқи замимаи 3 тасдиқ карда шавад.

2. Комиссияи ҷумҳуриявӣ (А. Арипов):

а) бо мақсади таҷлили муносиби 35-солагии ҷашни Истиқлол дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, шаҳри Тошканд, марказҳои вилоят ва ноҳияҳо (шаҳрҳо), ҳамаи маҳаллаҳо, деҳот ва овулҳо, инчунин дар низоми вазорату идораҳо, мутобиқи мазмун ва самтҳои асосии консепсия таҳияи барномаҳои чорабиниҳо ва таъмини иҷрои онҳо.

Дар ин раванд ба самтҳои афзалиятноки зерин диққати махсус дода шавад:

(i) васеъ инъикос намудани имконият ва дастовардҳои бузурге, ки дар натиҷаи ислоҳоти дар Ўзбекистони Нав татбиқшаванда, ба вуҷуд омадаанд;

(ii) нишон додани пайваста беҳтар гардидани фаровонии рўзгори шаҳрвандон дар натиҷаи рушди босуръат ва устувори иқтисодиёти мамлакат;

(iii) инъикоси ислоҳот бобати таҳкими иқтидори мудофиавӣ, ки ба таъмини осудагии кишвар ва дахлнопазирии сарҳадҳо хидмат мекунанд;

(iv) таъкиди аҳамияти дастовард ва натиҷаҳое, ки ба шарофати истиқлол дар самти рушди арзишҳои миллӣ, давлатдорӣ ва институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ, аз ҷумла низоми маҳалла ба даст омадаанд;

(v) эътирофи шароити зарурие, ки барои таъмини манфиатҳои пиронсолон, занону духтарон ва қабати ниёзманди ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин ҳамчун **«Бунёдкорони Ўзбекистони Нав»** дониш ва касб омўхтани ҷавонон, амалӣ намудани ташаббусҳои соҳибкорӣ ва рушди истеъдодҳо фароҳам гардидаанд;

(vi) ҳамчун вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд таблиғ намудани ҳифз ва таҳкими муҳити дўстии байни миллатҳо ва таҳаммулпазирии байни динҳо;

(vii) таъмини ҷалби фаъолонаи ҳамаи ҷавонон, гурўҳҳои иҷтимоӣ ва этникӣ, инчунин ҳамватанон ба чорабиниҳои идона.

б) таъсис додани гурўҳҳои эҷодии бадеӣ аз ҳисоби намояндагони илму фан, таълим, фарҳанг, адабиёт ва санъат, варзишгарон ва вакилони ҷамъиятӣ ва дар давоми моҳҳои апрел-сентябр дар саросари ҷумҳурӣ бо иштироки онҳо баргузор намудани «Ҷашни истиқлол» (фестивал), ки чорабиниҳои васеи маънавию маърифатӣ ва лоиҳаҳои иҷтимоиро дар бар мегирад;

в) дар омодагӣ ба чорабинии асосии идона, ки дар шаҳри Тошканд гузаронида мешавад, ҷалб намудани сенариянависон ва коргардонҳои маъруф, шоиру нависандагон, овозхонон ва оҳангсозон, балетмейстерҳо, рассомони саҳна ва иҷрокунандагони ҷавони боистеъдод;

г) андешидани чораҳо барои дар сатҳи баланд ташкил намудани маросимҳои тантанавии ифтитоҳи корхонаҳои бузурги саноатӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, таълимӣ ва варзишии кишвар дар арафаи 35-солагии истиқлолият.

3. Муайян карда шавад, ки оид ба омодагӣ ва баргузории чорабинии асосии идона дар шаҳри Тошканд Вазорати фарҳанг ташкилоти масъул ба ҳисоб меравад.

4. Академияи бадеӣ, Вазорати фарҳанг, Иттифоқи нависандагон ва Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ то 1 июни соли 2026 лоиҳаи эскизии муҷассамаи рамзии **«Фидокорони Ватан»**-ро, ки ғояҳои истиқлолият ва соҳибихтиёрии миллӣ ва симои бунёдкорони Ўзбекистони Навро инъикос менамояд, таҳия намуда, ба Девони Вазирон пешниҳод кунанд.

Дар қисми марказии боғҳои умумимиллии ваҳдат, ки тўли солҳои 2026–2030 дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо, ноҳия ва шаҳрҳо бунёд мегарданд, гузоштани ин муҷассама ба инобат гирифта шавад.

5. Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ якҷо бо Институти тадқиқоти рушди Ўзбекистони Нав, Ҳаракати умумимиллии «Юксалиш» ва Маркази «Стратегияи тараққиёт» то 1 августи соли 2026 бахшида ба ислоҳоте, ки дар ҳар як соҳа амалӣ мегарданд, натиҷаҳои онҳо ва дастовардҳои ноилшуда китоб-албоми махсуси **«Зафарномаи истиқлол»**-ро омода намояд.

6. Агентии корҳои ҷавонон ва Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ аз моҳи апрели соли 2026 дар шабакаҳои иҷтимоӣ таҳти ҳештегҳои #Mustaqillik35 ва #Uzb35 аксияҳои таблиғотӣ (флешмоб, подкаст, викторинаҳо ва ғайра)-ро оғоз намоянд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ДАР РОҲИ АФЗОИШИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ВА КОҲИШ ДОДАНИ КАМБИЗОАТӢ

***Микрокредитбонк дар кишвари мо тавассути рушди тиҷорати хурд барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ, соҳибкории хусусӣ ва инфиродӣ, дастгирии ҳунармандӣ ва тиҷорати хонагӣ инчунин, густариши хидматрасонии вомдиҳӣ, махсусан дар деҳот фаъолият мебарад.***
***Бонк оиди корҳое, ки дар соли 2025 анҷом додааст ва нақшаҳои барои соли 2026 дар Маркази матбуоти миллӣ ҷамъомад ташкил намуд.***

Тавре ки дар ҷамъомад таъкид шуд, соли гузашта бонк 10,2 триллион сўм маблағ ҷудо карда, аз он 7,9 триллион сўм ба корхонаҳои хурду миёна ва боқимондаи он барои амалӣ шудани барномаҳо сарф шудаанд.

Дар соли сипаришуда 345 895 нафар бо кор таъмин гардиданд. Аз он 122 066 нафар ба ҷойи кори доимӣ ва 223 829 нафар ба соҳибкорӣ ҷалб шуданд.

Дар натиҷаи лоиҳаҳои хурде, ки аз ҷониби бонк ба аҳолӣ пешниҳод шудаанд, 905,1 миллиард сўм вом барои 47 975 лоиҳаи хурд ҷудо гардида, 98 305 ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Ҳамчунин, бастаҳои лоиҳавӣ ба маблағи 318 миллиард сўм ба 11 142 хонаводаи камдаромад расонида шуданд ва тавассути он 16 704 нафар бо кор таъмин гардиданд.

Дар 1747 гектар замине, ки ба 5210 нафар барои иҷора додаанд, дар асоси 159 лоиҳаи намунавӣ мувофиқи принсипи «Як контур – як маҳсулот» маҳсулоти фоидаовар ва содиротӣ кишт намуданд. Дар натиҷа, 34764 тонна маҳсулот истеҳсол шуда, аз он 2195 тоннаашро содир намуданд, ки дар маҷмўъ 211,3 миллиард сўм ба даст оварданд.

Мувофиқи татбиқи барномаи «Аз камбизоатӣ – ба фаровонӣ» роҳбарон ва муовинони 181 филиали минтақавии бонк даромади 412 оиларо беҳтар карда, онҳоро аз феҳристи иҷтимоӣ бароварданд. Барои арзёбии самаранокии коре, ки агентиҳои ёрирасон дар маҳаллаҳо анҷом додаанд, платформаи «Mahalla mkb.uz»-и бонк таъсис гардида, ба кор шурўъ намуд.

Дар соли 2026 аз ҳамаи манбаъҳои бонк 11 триллион сўм кредит ҷудо карда мешавад. Аз ин шумора 7,4 триллион сўм ба соҳибкорони хурду миёна, аз он 4,8 триллион сўм дар доираи барномаҳо ҷудо карда ва тақрибан 140 ҳазор лоиҳа амалӣ бояд шавад. Дар 1062 маҳалла 347 миллиард доллар барои зиёда аз 10,5 ҳазор лоиҳаи хурд дар асоси тахассуси маҳаллаҳо ҷудо карда мешавад.

Дар 4775 гектар замин дар 362 контур, ки ба 7129 деҳқон дар асоси принсипи «Як контур – як маҳсулот» барои иҷора дода шудаанд, маҳсулоти фоидаовар ва содиротӣ парвариш мекунанд.

Бар ивази 116,2 миллиард сўм кредит, ки дар соли 2026 дар доираи барномаи «Қадами оянда» барои кумак ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар ёфтани ҷойи кор ҷудо карда шудааст, 3600 хатмкунанда бо шуғл таъмин мегарданд.

Дар маҷмўъ 400 миллион доллар аз манбаъҳои беруна, аз ҷумла 150 миллион доллар лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва 175 миллион доллар барои дастгирии тиҷорати хурду миёна равона карда мешаванд.

Бонк тибқи нақша барои моҳҳои январ-март 1,7 триллион сўм, аз ҷумла 1,2 триллион ба корхонаҳои хурду миёна ва 557,1 миллиард сўм вом дар доираи барномаҳо ҷудо кардааст. Аз ҷумла, дар моҳҳои январ-март 16719 нафар бо кор таъмин шуданд.

Масалан, дар маҳаллаи «Шампан»-и ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд дар 10 гектар замине, ки ба 10 нафар ҷавонон (ҳар кадом 1 гектарӣ) иҷора дода шудааст, помидор парвариш карда мешавад. Шартномаҳо оид ба истеҳсоли маҳсулот байни корхонаи «Транспорт глобус» ва соҳибони заминҳо имзо шудаанд ва тибқи ҳисобҳои пешакӣ, дар ҳосили аввал 350 тонна маҳсулот парвариш карда мешавад ва интизор меравад, ки ҳар як ҷавон 60 миллион сўм даромад ба даст орад.

**Г. КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# МАСЪАЛАҲОИ ТАКМИЛ ДОДАНИ ИНСТИТУТИ ПАРДОХТНОПАЗИРӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти тамоюлҳои нав оид ба такмили институти пардохтнопазирӣ ва беҳсозии фаъолияти субъектҳои соҳибкорие, ки вазъи молиявии ногувор доранд, шинос гардид.***

Дар мамлакат ҷиҳати рушди тиҷорати хусусӣ, дастгирии соҳибкорон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо корҳои пайгирона анҷом дода мешаванд.

Дар натиҷаи чунин ислоҳот ҳоло дар мамлакат зиёда аз 300 ҳазор соҳибкори тартиби якка ва 5,5 миллион нафар шахсони худмашғул фаъолият доранд. Ҳиссаи бахши хусусӣ дар иқтисодиёт бошад, дар панҷ соли охир аз 45 то 58 фоиз афзудааст.

Соли ҷорӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна ҷудо намудани 140 триллион сўм кредит, ба соҳибкорӣ дар маҳаллаҳо равона намудани 8 миллиард доллар захираҳои хориҷӣ, ки аз ҷониби бонкҳо ҷалб шудаанд, инчунин барои беҳтар намудани инфрасохтори истеҳсол, савдо ва хизматрасонӣ дар минтақаҳо ҷудо кардани 20 триллион сўм пешбинӣ шудааст.

Ҳамзамон, таъкид гардид, ки масъалаҳои зиёди вобаста ба нигоҳ доштани корхонаҳои таъсисёфта ва ҷойҳои корӣ, инчунин дастгирии сариваҳтии соҳибкороне, ки ба мушкилоти молиявӣ рў ба рў шудаанд, ҳанўз ҳалталаб боқӣ мондаанд.

Бахусус, гуфта шуд, ки шумораи корхонаҳои хурди ғайрифаъол ё фаъолияташ қатъшуда рў ба афзоиш аст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки низоми амалкунанда бештар ба расман бастани фаъолияти корхонаҳо равона шудааст, на ба нигоҳдорӣ ва барқарорсозии онҳо.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон*

# ДАР БОРАИ ОМОДАГИИ ВАСЕЪ ВА БАРГУЗОР НАМУДАНИ ҶАШНИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

7. Агентии кинематография, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон ва Иттиҳоди миллии медиаи Ўзбекистон аз моҳи апрели соли 2026 таҳия ва пахши силсилаи филмҳои мустанад ва барномаҳо таҳти рукни **«Солномаи 35 соли истиқлолият»**-ро, ки марҳилаҳои таърихии истиқлолият, дастовардҳо ва корҳои бунёдкориро инъикос мекунанд, таъмин намоянд.

8. Ба пешниҳоди Палатаи қонунгузорӣ ва Сенати Олий Маҷлис, Вазорати адлия ва Институти қонунгузорӣ ва сиёсати ҳуқуқӣ дар бораи баргузор намудани конференсияи байналмилалии илмиву амалӣ таҳти унвони **«Ўзбекистони соҳибистиқлол – роҳи 35-солаи рушд: ислоҳот, натиҷаҳо ва дурнамо»** дар моҳи августи соли 2026 дар шаҳри Тошканд иҷозат дода шавад.

9. Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва масъалаҳои ҳамватанони бурунмарзӣ якҷо бо Бунёди ҷамъиятии «Ватандошлар», Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ ва Иттифоқи нависандагон дар моҳҳои август–сентябри соли 2026 бо иштироки ҳамватанони хориҷӣ ва намояндагони диаспораи ўзбек таҳти шиори **«Ўзбекистони мустақил – ғурури ман, ифтихори ман»** чорабиниҳои фарҳангиву маърифатиро ташкил намоянд.

10. Бонки марказӣ то 1 сентябри соли 2026 ҷиҳати сикка задани тангаи тиллоии хотиравии «Мустақилликнинг 35 йиллиги» чораҳо андешад.

11. Иттиҳоди маҳаллаҳои Ўзбекистон ва Вазорати нақлиёт то 1 майи соли 2026 мутаносибан аз рўйи гузоштани номи **«35-солагии Истиқлол»** ба яке аз маҳаллаҳои навтаъсис ва яке аз истгоҳҳои роҳи оҳан пешниҳодҳои худро ворид намоянд.

12. Муайян карда шавад, ки баргузории чорабиниҳои идона:

а) дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо – аз ҳисоби манбаъҳои иловагии буҷаҳои дахлдори маҳаллӣ, ҳамчунин маблағҳои сарпарастӣ;

б) дар шаҳри Тошканд – мувофиқи сметаи хароҷот, ки аз ҷониби Комиссияи ҷумҳуриявӣ тасдиқ шудааст, дар саҳми баробар аз ҳисоби маблағҳои буҷаи ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Ўзбекистон ва буҷаи маҳаллии шаҳри Тошканд маблағгузорӣ мешавад.

13. Ба Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон, Оҷонсии миллии иттилоотии Ўзбекистон, Оҷонсии иттилоотии «Дунё» тавсия дода шавад, ки дар бораи истиқлолияти кишвар, роҳи рушди Ўзбекистони Нав ва ҳамҷиҳатии халқамон силсилаи матолибро омода ва паҳн кунанд.

14. Комиссияи ҷумҳуриявӣ иҷрои қарорро назорат намуда, ҳар моҳ пешниҳоди ахборот ба Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ва дар ҳолатҳои зарурӣ андешидани чораҳои иловагиро таъмин намояд.

15. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А. Н. Арипов вогузор карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*шаҳри ТОШКАНД,*
*1 апрели соли 2026.*

# МАСЪАЛАҲОИ ТАКМИЛ ДОДАНИ ИНСТИТУТИ ПАРДОХТНОПАЗИРӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Пеш аз ҳама, меъёрҳои варшикастагӣ дар сатҳи зарурӣ дастгирӣ намешавад. Аз 93 ҳазор соҳибкоре, ки вазъи молиявии душвор доранд, танҳо нисбат ба 10 ҳазор ҳолат парвандаҳои муфлисшавӣ оғоз гардидаанд. Низоми санатсия (барқарорсозии молиявӣ) то суд ва дар раванди судӣ дар амал фаъолияти босамар надорад: дар панҷ соли охир ҳамагӣ нисбат ба 68 корхона тартиби санатсия татбиқ гардида, аз онҳо танҳо 7 субъект фаъолияти худро барқарор кардаанд.

Фаъолияти мудирони судӣ низ аз нигоҳи интиқодӣ баррасӣ шуд. Таъкид гардид, ки дар як қатор ҳолатҳо мӯҳлатҳои баррасии парвандаҳо вайрон шудаанд, хулосаҳои беасос тақдим гардидаанд ва механизми ошкорсозии саривақтии нишонаҳои муфлисшавии сохта низ нокифоя аст. Гуфта шуд, ки камбудиҳо дар низоми пардохти ҳаққи хизмати мудирони судӣ монеи ҷалби мутахассисони соҳибихтисос мегарданд ва дар баъзе мавридҳо боиси ба таври сунъӣ тӯл кашидани баррасии парвандаҳо мешаванд.

Ғайр аз ин, қайд гардид, ки соҳа ҳанӯз рақамӣ нашудааст, низоми мониторинг ва назорати онлайн вуҷуд надорад, феҳристи кушодаи корхонаҳое, ки дар ҳоли муфлисшавӣ ва варшикастагӣ қарор доранд, вуҷуд надорад, мубодилаи маълумот байни мақомоти давлатӣ ба таври кофӣ роҳандозӣ нашудааст.

Бо ин мақсад, барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ дар соҳа таклифҳои нави институтсионалӣ пешниҳод гардиданд.

Аз ҷумла, пешниҳод шуд, ки дар назди Вазорати адлия Агентии корҳои пардохтнопазирӣ таъсис дода шавад. Ин ниҳод бо татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳа, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таҳлили омилҳои муфлисшавӣ ва андешидани чораҳои бартарафсозии он, кӯмакрасонӣ ба беҳсозии вазъи молиявии корхонаҳо машғул хоҳад шуд.

Бо мақсади баланд бардоштани самарадории фаъолияти мудирони судӣ, таъсис додани Палатаи мудирони судӣ пешниҳод гардид. Ин палата фаъолияти мудирони судиро ҳамоҳанг месозад, омодагии касбӣ ва такмили ихтисоси онҳоро ташкил менамояд, ба қонунгузорӣ ва одоби касбӣ риоя намудани онҳоро мониторинг мекунад, инчунин ҳуқуқу манфиатҳояшонро ҳимоя менамояд.

Ҳамчунин, барои дастгирии субъектҳои тиҷоратие, ки ба мушкилоти молиявӣ рӯ ба рӯ шудаанд, механизмҳои нави молиявӣ муаррифӣ гардиданд.

Аз ҷумла, барои соҳибкории хурду миёна тавассути Ширкати миллии кафолати тиҷорат пешниҳоди кафолатҳо, ба воситаи Ширкати рушди соҳибкорӣ роҳандозии хатҳои кредитӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ бо фоизи паст ва ба ин васила барои барқарорсозии молиявии корхонаҳо кӯмак расонидан ба нақша гирифта шудааст.

Дар ин раванд, пардохти қарзи асосӣ ва фоизҳои кредитҳое, ки аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ҷудо шудаанд, то анҷоми раванди санатсия ба таъхир гузошта мешавад. Кредит баъд аз анҷоми санатсия дар давоми се сол баргардонида мешавад, заминаҳои реструктуризатсияи қарздории кредит фароҳам мегардад.

Ҳамчунин, ба содда намудани тартиби ба таъхир гузоштан ва реструктуризатсияи қарзҳои андозӣ ва қарздории кредитӣ диққати махсус дода шуд.

Бахусус, шӯроҳои намояндагони халқи ноҳия ва шаҳрҳо метавонанд иҷозат диҳанд, ки пардохти баъзе андозҳо ба таъхир гузошта шавад ё қисм-қисм пардохт гардад. Илова бар ин, чунин механизмҳо дар асоси гарав, кафолати бонк ё полиси суғурта мумкин аст аз ҷониби мақомоти андоз низ истифода шаванд.

Чораҳои санатсияи тосудӣ бо дастгирии давлат низ тавсеа мeёбад. Дар ин раванд аз воситаҳое чун созиш бо кредиторон, ҷалби кӯмаки молиявӣ, ба таъхир гузоштани пардохти андоз ва кредит, харидории қарзҳо, тағйири ихтисоси истеҳсолот, аз нав ташкил кардани корхона, ҷалби мутахассисони баландихтисос ва бозомӯзии кормандон истифода намудан имконпазир мегардад.

Дар муаррифӣ ба масъалаи рақамисозии равандҳои пардохтнопазирӣ низ диққати махсус дода шуд.

Бо ин мақсад, ба кор даровардани платформаи ягонаи электронии пешбурди парвандаҳои пардохтнопазирӣ пешниҳод гардид. Дар ин платформа феҳристи шахсоне, ки парвандаи варшикастагии онҳо ҷараён дорад, корхонаҳое, ки нисбати онҳо санатсия татбиқ мегардад, инчунин мудирони судӣ пешбарӣ мешавад. Ҳамаи равандҳо – аз пешниҳоди ариза то барҳам додани фаъолияти корхона ба таври электронӣ анҷом мeёбанд. Инчунин, ин низом барои намояндагони ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма низ дастрас хоҳад буд.

Тавассути ин барои таъмини шаффофият дар соҳа, суръат гирифтани мубодилаи маълумот, пурзӯр намудани назорат ва мониторинг, кӯтоҳ шудани мӯҳлатҳои баррасии аризаҳо имкон фароҳам мешавад.

Президенти кишвар таъкид намуд, ки дастгирии соҳибкорӣ набояд танҳо бо таъсиси корхонаҳои нав маҳдуд шавад: нигоҳ доштани тиҷорати корхонаҳои мавҷуда, расонидани кӯмаки саривақтӣ ба корхонаҳое, ки муваққатан ба мушкилот дучор шудаанд ва баргардонидани онҳо ба фаъолияти иқтисодӣ низ зарур аст.

Ба масъулон аз рӯйи куллан такмил додани институти пардохтнопазирӣ дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ, механизмҳои самараноки санатсия ва роҳҳои ҳалли рақамӣ супоришҳои мушаххас дода шуданд.

**ЎзА.**

# СУТУНИ ДӮСТӢ – РАМЗИ ҲАМБАСТАГИИ ХАЛҚҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***29-31 марти соли ҷорӣ дар шаҳри Фарғона Форуми дӯстии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон баргузор гардид.***




Дар чорабинӣ олимон, коршиносон, аъзои парлумон, роҳбарони вазорату идораҳо, арбобони давлатӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин, пешвоёни созмонҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратии Ўзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Озарбойҷон иштирок карданд.

Форум бо гузоштани гулчанбар дар назди «Сутуни дӯстӣ», ки дар ҳудуди ноҳияи Ўзбекистон – нуқтаи пайвасти сарҳади се давлати ҳамҷавор қад афрохтааст, оғоз ёфт. Баъдан, суруду оҳангҳои дилнишини миллатҳои бародар танин андохтанд, ки ҳар яке таҷассумгари мероси ғании фарҳангӣ, анъана ва арзишҳои хоси халқҳои гуногун буданд.

Таъкид гардид, ки 31 марти соли 2025 дар доираи чорабинии сатҳи олӣ, ки бо иштироки сарони давлатҳои Ўзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон дар шаҳри Хуҷанди Тоҷикистон баргузор шуд, «Сутуни дӯстӣ» ба таври тантанавӣ ифтитоҳ ёфт ва дар муносибатҳои миёни се кишвар марҳилаи навро оғоз бахшида, ба рамзи бародарии ҷовидона ва ҳамбастагии халқҳои Осиёи Марказӣ табдил ёфт.

– Риштаҳое, ки халқҳои Осиёи Марказиро ба ҳам мепайванданд, хеле зиёданд, – иброз дошт Неъматулло Муҳаммадсаиди тоҷикистонӣ. – Ман дар вилояти Хатлон зиндагӣ мекунам. Худ мушоҳида ва ботинан эҳсос менамоям, ки солҳои охир робитаҳои дӯстонаи халқҳои мо боз ҳам мустаҳкамтар гардиданд. Ҳафтаи гузашта сафари давлатии Президенти Тоҷикистон ба Ўзбекистон сурат гирифт, ки ин низ аз мустаҳкаму пойдор будани риштаҳои дӯстӣ гувоҳӣ медиҳад. Форуми имрӯза ҳам барои дар марҳилаи нав рушд кардани робитаҳои бародарӣ ва ҳамкорӣ имконият фароҳам меорад. Бояд гуфт, ки робитаҳои маънавӣ, арзишҳои миллӣ ва динӣ, анъанаҳои ҷовидона ва хешу таборii мо тӯли асрҳо ташаккул ёфтаанд. Тӯли солҳо мо аз ҳам ҷудо будем. Убури марзҳои давлатӣ дар ҳадде ғайриимкон буд. Дар натиҷа, равуо, робитаҳои хешутаборӣ ва бародарӣ осеб диданд. Дар ҳафт-ҳашт соли охир бошад, ба шарофати иродаи сиёсии сарони давлатҳо ва ҳамкориҳои наздики мамлакатҳо, робитаҳои дӯстии халқҳоямон мустаҳкам гардиданд. Дар соҳаҳои тиҷорат, сармоягузорӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ марҳилаи нави ҳамкориҳо оғоз ёфт. Ҳоло сухан, амал ва ҳадафҳои мо муштараканд. Бо як сухан, чунин кишвари ҳамдилу ҳамбастаро наметавон дар минтақаи дигар пайдо кард.

Дар идома иштирокдорони форум ба шаҳри Фарғона ташриф оварда, аз «Хонаи дӯстӣ» дидан карданд ва бо намоиши ҳунарҳои миллии дастӣ, санъати амалӣ, таом ва либосҳои миллӣ шинос шуданд.

Дар Донишгоҳи давлатии Фарғона таҳти мавзӯи «Сутуни дӯстӣ – рамзи дӯстӣ, ҳамсоягии нек, эътимод ва шарикии стратегӣ байни кишварҳои бародар» конфронси илмӣ-амалӣ гузаронида шуд. Дар анҷуман оид ба ҷанбаҳои муҳими ба марҳилаи нав бардоштани ҳамкориҳои минтақавӣ фикру мулоҳизаҳо баён гардиданд. Масъалаҳои таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаи илму фан ва рушди шарикии стратегӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Эътироф шуд, ки ташаббус ва равишҳои илмии пешниҳодшуда барои таъмини субот дар минтақа, густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва таҳкими робитаҳои дӯстона хидмат мекунанд.

**Озодбек ҚУВОНДИҚОВ,**
**роҳбари хидмати матбуоти Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва масъалаҳои ҳамватанони бурунмарзӣ.**

***Аз ҷониби Иттиҳодияи «Ҳунарманд»-и ҷумҳурӣ таҳти мавзӯи «Корҳои анҷомдодашуда оид ба рушди ҳунармандӣ дар давоми семоҳаи якуми соли ҷорӣ ва нақшаҳои минбаъда» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.***

# ЭЪТИБОР БА РУШДИ ҲУНАРМАНДӢ

Таъкид гардид, ки дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ тавассути рушди анъанаи устоду шогирд дар маҷмӯъ 8 ҳазору 486 ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Аз онҳо 1 ҳазору 954 нафар устоҳои ҳунарманд ва 6 ҳазору 532 нафар шогирдон мебошанд.

Айни ҳол дар миқёси ҷумҳурӣ аз рӯи 32 самти ҳунармандӣ, дар маҷмӯъ 26, 2 ҳазор нафар ҳунарманд фаъолият мебаранд. Аз онҳо 12, 2 ҳазор нафар мардон ва 14 ҳазор нафар занон мебошанд. Аз шумораи умумии аъзоён 4, 4 ҳазор нафарро ҷавонон ташкил медиҳанд.

– Анъанаи устоду шогирд на танҳо барои ба наслҳои оянда интиқол додани маҳорати ҳунармандӣ аст, балки дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди иқтидори эҷодии маҳаллӣ низ нақши муҳим мебозад.

Имрӯз фаъолияти устоҳои санъати амалӣ ва ҳунармандӣ тавассути платформаҳои онлайн - низ назорат карда мешавад. Каталоги миллӣ ва реестри ҳунармандоне, ки дар соҳаи сайёҳӣ фаъолият доранд, ба идоракунии ин раванд ба таври осон ва шаффоф мусоидат мекунад, – гуфт дар нишаст раиси иттиҳоди «Ҳунарманд»-и ҷумҳурӣ Р. Мирзааҳмедов.

– Реестри туристӣ, дар асоси тавсияҳои Кумитаи давлатии рушди сайёҳӣ, каталоги миллӣ ва Шӯрои бадеии ассотсиатсияи «Ҳунарманд» ташаккул мeёбад. Дар он ҳунармандоне ҷой мегиранд, ки дар устохонаҳои худ ё дар асоси иҷора фаъолият намуда, маҳсулоти худро дар галереяҳо, мағозаҳои ҳунармандӣ ва хонаҳои савдои маҳаллӣ ва хориҷӣ пешниҳод мекунанд.

Дар соли ҷорӣ ба ин реестр 763 нафар аъзо шудааст.

Тавассути ин низом устоҳои мо имконият пайдо мекунанд, ки на танҳо бо аҳолии маҳаллӣ ва сайёҳон, балки бо аудиторияи байналмилалӣ низ робитаи мустақим барқарор намоянд. Ин қадами муҳим барои рушди устувори ҳунармандӣ мебошад.

Маҷаллаи «Ҳунарманд» аз моҳи октябри соли 2024 ҳамчун воситаи расмии ахбори омма дар асоси иҷозатнома нашр мешавад. Аз соли 2025 ин маҷалла бо се забон – ўзбекӣ, русӣ ва англисӣ чоп мегардад.

Шӯрои бадеии иттиҳодия аз - санъатшинос ва ҳунармандони таҷрибанок иборат буда, дархостҳои ҳунармандонро барои иштирок дар намоишгоҳҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ баррасӣ намуда, рӯйхати иштирокчиёнро тасдиқ мекунад.

Бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва рушди фаъолияти хона-музейҳо ва галереяҳо, низомномаҳои онҳо таҳия гардида, ҳуҷҷатгузорӣ ва барӯйхатгирӣ анҷом дода мешавад. То 1 марти соли 2026 дар ҷумҳурӣ 47 хона-музей ва 44 галерея фаъолият доранд. То охири сол кушодани 7 хона-музей ва 6 галереяи нав ба нақша гирифта шудааст.

Таъкид гардид, ки дар ҷаҳон 78 шаҳр мақоми «Шаҳри ҷаҳонии ҳунармандӣ»-ро гирифтааст. Аз Ўзбекистон чунин мақомро Қӯқон, Бухоро, Марғилон, Риштон ва Шаҳрихон соҳиб шудаанд. Дар соли 2025 Шаҳрисабз ва Самарқанд низ ба ин мақом сазовор дониста шуданд.

Дар семоҳаи якуми соли 2026 содироти маҳсулоти ҳунармандӣ 1,6 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод.

Дар хориҷ 6 намоишгоҳ баргузор шуда, дар онҳо 17 нафар, дар бозори дохилӣ 5 намоишгоҳи маҳаллӣ баргузор гардида, дар онҳо 74 ҳазор нафар ҳунарманд иштирок намуданд.

Дар соли ҷорӣ 4 меморандуми ҳамкорӣ ба имзо расид. Ин ҳуҷҷатҳо барои баровардани маҳсулоти ҳунармандӣ ба бозорҳои байналмилалӣ ва мубодилаи таҷриба аҳамияти калон доранд.

Шумораи ҳунармандоне, ки бренд ва тамғаи молӣ доранд, ба 353 нафар расид.

Дар солҳои 2026-2027 дар Қароқалпоқистон, Бухоро, Навоӣ, Намангон, Фарғона ва вилояти Тошканд 5 маркази нави ҳунармандӣ ташкил карда мешавад.

Дар семоҳаи якуми соли 2026 як қатор лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ амалӣ гардиданд. Аз ҷумла, дар вилояти Хоразм 376 нафар зан ҳунар омӯхтанд, дар 11 муассисаи ислоҳӣ 48 курси омӯзишӣ ташкил шуда, 2 ҳазору 916 нафар маҳкум ҳунар омӯхтанд, шумораи занони пешсаф дар ҳунармандӣ ба 148 нафар расид, барои ҷавонон 22 вохӯрии «се насл» баргузор шуд.

Дар анҷоми чорабинӣ маърӯзачиён ба саволҳои журналистон ҷавобҳои муфассал доданд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ТАҚСИМОТИ ЗАМИН ШАФФОФИЯТРО ТАҚОЗО МЕКУНАД

***Дар вилояти Фарғона масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои замин, тақсимоти одилона ва шаффофи он, ки дар кишвари мо ба сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст, аҳамияти вижа касб намудааст. Дар ин замина мухбирамон бо муовини сардори садорати Агентии кадастри ҷумҳурӣ дар вилояти Фарғона Абдумуталиб ШАМШИДДИНОВ ҳамсуҳбат шуд, ки муҳтавои он дар гузориши зер акси худро ёфтааст.***

– Имрӯзҳо сохтмони манзили одамон ё роҳандозии фаъолияти соҳибкориро бидуни тақсими замин тасаввур наметавон кард. Гузашта аз ин, ислоҳоти мунтазами таъмини шаффофияти истифодаи оқилонаи замин, тақсими он, аз байн бурдани хатарҳои коррупсия ё фасодкорӣ, тақвияти қонуният дар ин раванд аз кормандони идораҳои марбута тақозо менамояд, ки дар анҷоми он ба ягон саҳлангорӣ роҳ надиҳанд.

Барои амалӣ намудани чунин мақсад платформаи электронии махсуси «e-auksion.uz» таъсис дода шудааст. Он ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки тавассути системаи мазкур дар бораи қитъаҳои замини мавриди фурӯш ё масоили дигари мавҷуда соҳиби маълумоти лозима шаванд, дар музоядаҳо фаъолона иштирок кунанд ва бар асоси қонунгузориҳоямон заминро харидорӣ намоянд.

**– Чанд намуди қитъаҳои замини мавриди музояда қарор дорад?**

– Қитъаҳои замин мувофиқи таъиноти худ ба якчанд тоифа тақсим мешаванд. Аз ҷумла, заминҳои кишоварзӣ, заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, саноатӣ, нақлиётӣ ва дигари таъиноти махсус, заминҳои ҳифзи табиат, заминҳои марбути фонди ҷангал, марбути фонди об ва захираи давлатӣ аз ҳамин қабиланд. Ҳар як қитъаи замин бояд мувофиқи мақсади пешбинишуда мавриди корбасту истифода қарор гирад. Масалан, сохтани хона ё иншооти саноатӣ дар заминҳои барои кишоварзӣ ҷудошуда мутлақо хилофи қонунгузориҳои кишварамон маҳсуб мeёбад.

Дар солҳои охир технологияҳои рақамӣ дар танзими муносибатҳои замин ба таври васеъ ҷорӣ карда шудаанд. Аз ҷумла, чораҳои назорати замин ва планшетҳои махсус ва системаи иттилоотии «e-yer nazorat» амалӣ карда мешаванд. Ин система барои назорати истифодаи онлайни замин, гузаронидани санҷишҳои дақиқ ва шаффоф, инчунин бартараф кардани хатари коррупсия хидмати босазо анҷом медиҳад.

Дар айни замон, як қатор барномаҳои электронӣ дар соҳаи замин ва амволи ғайриманқул амалӣ карда шудаанд. Хусусан, як қатор платформаҳо, монанди системаи «E-YER NAZORAT», «E'TIROF» ва «UZKAD» барои бақайдгирии қитъаҳои замини мавҷуда ва хидматрасонии амволи ғайриманқул нигаронида шудаанд, ки барои таъмини шаҳрвандон бо хидматрасонии қулай, зуд ва шаффоф хидмат мекунанд.

**– Шумо дар бораи таъмини иҷрои Қарори Президенти мамлакат, аз 21 феврали соли 2022, «Дар бораи чораҳои баланд бардоштани самаранокии назорати давлатӣ доир ба истифодаи қитъаҳои замин» чӣ гуфта метавонед?**

– Бо эътимоди комил гуфта метавонам, ки дар самти мазкур мо як қатор корҳои амалиро пиёда кардаему мекунем ва ин раванд ҳоло муваффақона идома дорад. Яъне барои пешгирӣ, ошкор ва бартараф кардани қонуншиканиҳои марбут ба хариду тақсимоти замин дар ҳамаи минтақаҳои вилоят корҳои хуб ба субут расонида мешаванд. Аз ҷумла, то 1 феврали соли 2026 дар вилоят 541 ҳолати худсарона ишғол кардани 16 гектар замин ошкор карда шуд. Дар ин ҳолатҳо, аз ҷониби мақомоти кадастр барои бартараф кардани қонуншиканиҳо дастурҳои хаттӣ ирсол гардиданд. Дар натиҷа, аз рӯйи 285 ҳолат қонуншиканиҳо бартараф ва 5,1 гектар, яъне 53 фоизи қитъаҳои замини худсарона ишғолкардашуда ба ихтиёри захира баргардонида шуд.

Дар баъзе мавридҳо барои вайрон кардани иншооти ғайриқонунӣ сохташуда ва баргардонидани қитъаҳои замин ба захираи ноҳия маҷбур мешаванд, ки ба додгоҳ даъво пешниҳод кунанд. Ба таври мисол, дар парвандаҳое, ки аз рӯйи чунин қонуншиканиҳо ифтитоҳ ёфтаанд, унсурҳои ҷиноятӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Бино ба ҳуҷҷатҳои ҷамъоваришуда 2 парванда (замини он 0,4 гектарро ташкил медиҳад) ба прокуратура пешниҳод карда шудааст. Рақами кӯтоҳи Агентии кадастри вилоят – «Телефони боварӣ» 1097 буда, он шабонарӯз фаъолият дорад ва шаҳрвандон дар сурати дучор шудан бо фасод дар масъалаҳои замин метавонанд бо он тамос гиранд.

Аз ин рӯ, барои шаҳрвандон ва соҳибкорон муҳим аст, ки дар масъалаҳои марбут ба замин танҳо ба манбаъҳои расмӣ муроҷиат кунанд ва талаботи қонунро қатъиян риоя намоянд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

# РОҲ БА СӮИ БА ҲАМ ОМАДАН

Рушди технологияҳои рақамӣ, дар баробари дигар соҳаҳо, ба матбуот низ неруи тоза мебахшад ва имконият фароҳам меорад, ки хабарҳо ба таври фаврӣ ба аудиторияи васеъ дастрас гарданд. Гузариш ба трансформатсия дар шароити ҷаҳонишавӣ аҳамияти хос пайдо мекунад.

Рӯзномаи «Ишонч» (нашрияи Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон), ки ба таъсисёбии он 35 сол пур гардид, аз ҷумлаи нашрияҳоест, ки дар самти истифодаи самараноки платформаҳои технологияҳои муосир ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, дар густариши аудиторияи худ муваффақ шудааст. Ҳайати таҳририяи ин нашрия ба маъной воқеӣ рӯ ба конвергенсия овардааст.

3 апрел дар осоишгоҳи «Чинобод Плаза»-и пойтахт ба муносибати 35-солагии рӯзномаҳои «Ишонч» ва «Ишонч-Доверие» анҷумани байналмилалии илмию амалӣ таҳти унвони «Нашрҳои иттифоқҳои касаба дар шароити трансформатсия: роҳ ба сӯи ҳамгироӣ» баргузор гардид.

Дар анҷумане, ки бо ташаббуси Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон баргузор шуд, дар баробари намояндагони пешқадами соҳаи медиа, журналистон, олимон ва муҳаққиқони кишвар, инчунин мутахассисон аз Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркия ва Озарбойҷон, ки дар нашрияҳои иттиҳодияҳои касабавии кишварҳои худ фаъолият мекунанд, иштирок намуданд.

Дар чорабинӣ раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон, узви Сенати Олий Маҷлис Қудратилла Рафиқов суханронӣ кард. Ӯ, аз ҷумла, таъкид намуд, ки имрӯз дар мамлакат таҳти роҳбарии Шавкат Мирзиёев тамоюлҳое чун озодии сухан ва иттилоот, шаффофият, муколама бо ҷомеа ва баланд бардоштани қадри инсон ба арзишҳои муҳими ҳаёти ҷомеа табдил ёфтаанд. Ин гуна дигаргуниҳо, табиист, ки барои рушди матбуот имкониятҳои нав фароҳам меоранд, ҳамзамон масъулияти онро бештар мегардонанд.

Ӯ инчунин зикр кард, ки дар шароити кунунӣ ба мо чунин медиа лозим аст, ки анъана ва навовариро муттаҳид созад, эътимод ва фавриятро ба ҳам оварад ва мувозинати озодии сухан ва масъулияти онро ҳифз намояд.

Қудратилла Рафиқов ҳамчунин дар бораи фаъолияти 35-солаи рӯзномаи «Ишонч» андеша баён намуда, роҳи тайкардаи онро пуршараф арзёбӣ кард. Ба гуфтаи ӯ, ин ҷашн танҳо ҷашни як рӯзнома нест, балки як рӯйдоди маънавӣ ва дидорбинии самимӣ аст, ки дар он арзишҳое чун эътимод, қадри волои сухан, меҳнати содиқона ва масъулият дар назди ҷомеа таҷассум меёбанд.

Бояд зикр кард, ки шумораи нахустини рӯзномаи «Ишонч» 21 марти соли 1991 ба табъ расидааст. То имрӯз зиёда аз 5 ҳазору 500 шумораи он ба дасти хонандагон расидааст. Айни ҳол теъдоди нашри «Ишонч» ва «Ишонч-Доверие» ба 37 ҳазору 500 нусха мерасад. Аудиторияи он дар шабакаҳои иҷтимоӣ бошад, қариб 250 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Ҳамчунин ҳар сол дар асоси беҳтарин мақолаҳои нашршуда китобҳои ҷудогона ба табъ мерасанд, ки шумораи умумии онҳо ба 16 адад расидааст.

Дар анҷуман намояндагон аз кишварҳои гуногун ба сухан баромада, таъкид доштанд, ки матбуот ойинаест, ки дар он воқеаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ инъикос меёбанд. Ҳамзамон, он минбарест барои баррасии масъалаҳои мубрами ҷомеа ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо.

Анҷуман, ки ҷавобгӯ ба талаботи замон баргузор гардид, имконият фароҳам овард, то иштирокчиён доир ба ҳамгироӣ дар воситаҳои ахбори омма табодули афкор намоянд, бо дастовардҳои ҳамдигар шинос шаванд ва таҷрибаи худро дар самти истифодаи самараноки технологияҳои муосир мубодила кунанд.

**М. ШОДИЕВ.**

***Ба қарибӣ марҳилаи ҷумҳуриявии олимпиадаи асосии фаннӣ аз забони тоҷикӣ, забони давлатӣ, франсузӣ, англисӣ, немисӣ дар шаҳри Қаршӣ баргузор гардид.***

# ҒОЛИБОН МУАЙЯН ГАРДИДАНД

Чорабинии мазкурро сардори Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилояти Қашқадарё Убайдулло Орифов ҳусни ифтитоҳ бахшид.

Дар чорабинӣ сарвари шӯъбаи Маркази олимпиадаҳои фаннӣ Шавқиддин Эшмуродов низ иштирокчиёнро хайрамақдам гуфта, ба онҳо бурдбориҳо таманно намуд.

Иштирокчиёни олимпиадаи ҷумҳуриявиро аз фанҳои забони давлатӣ ва забони тоҷикӣ дар бахши аввал бо гирифтани эссе (дар меъёри 50 хол) озмуда бошанд, дар бахши дуюм хонандагон бо супоридани тест (дар меъёри 50 хол) сабқат намуданд.

Доварон корҳои хаттӣ ва натиҷаи тестҳои иштирокчиёнро шаффоф баҳогузорӣ намуда, ғолиби 3 ҷоизаи асосиро муайян карданд.

Тибқи натиҷагирии доварон, аз фанни забон ва адабиёти тоҷик хонандаи синфи 11 аз мактаби рақами 46-уми ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё Азиза Қурбонова ба гирифтани ҷойи якум, хонандаи синфи 11 аз мактаби рақами 87-уми ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё Шабнам Холиқулова ба ҷойи дуюм, хонандаи синфи 11 аз мактаби миёнаи рақами 28-уми ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона Фариштамоҳ Ҳасанҷонова ба ҷойи сеюм мушарраф гардиданд.

Дар маросими тантанавии ҷоизасупорӣ ғолибон бо туҳфаҳои пурарзиш ва мукофотҳои пулӣ сарфароз гардонда шуданд.

Бояд кайд намуд, ки дар маросими ҷоизасупории имсола бори аввал ғолибони ин сабқат бо медалҳои тилло, нуқра ва биринҷӣ мукофотонида шуданд.

Ҳини суҳбат соҳиби медали тилло Азиза Қурбонова чунин иброз дошт:

– Соҳиб шудан ба шоҳҷоиза ин бар ивази дастгирии падару модарам ва сабақҳои устодонам насибам гардид. Дар оянда низ ҳаракат мекунам, ки заҳматҳои онҳоро фаромӯш накарда, комёбиҳоро ба даст дарорам.

Падари Азиза, омӯзгори тоифаи олӣ Абдуҷалол Қурбонзода, ки 37 сол собиқаи корӣ дорад, илова намуд:

–Тавре ки Ҷалолиддини Румӣ фармудааст:

*Ҳеч кас аз пеши худ чизе нашуд,*
*Ҳеч оҳан ханҷари тезе нашуд.*
*Ҳеч Мавлоно нашуд Мавлои Рум,*
*То муриди Шамси Табрезӣ нашуд.*

Тавассути «Овози тоҷик» ғолибонро бо муваффақиятҳояшон табрик мегӯем.

**Ҳомидҷон ХОЛМУЪМИНОВ,**
**омӯзгори мактаби миёнаи рақами 10-уми ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё.**

# ӮЗБЕКИСТОН ДАР ТАМОМИ СОҲАҲО БА ДАВЛАТҲОИ МИНТАҚА НАМУНА АСТ,

***– мегӯяд Раҳмоналӣ ДАВЛАТОВ, сармуҳаррири моҳномаи «Иттифоқ» – нашрияи мақомоти Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили вилояти Хатлони Тоҷикистон***

***Ӯ дар анҷумани байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Нашрҳои иттиҳодияҳои касаба дар шароити трансформатсия: ҳаракат ба сӯйи ҳамгироӣ», ки дирӯз бо ташаббуси Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон дар пойтахт рӯйи кор омад, иштирок намуд. Дар арафаи анҷуман мухбири «Овози тоҷик» Муҳаммадҷон ШОДИЕВ бо ӯ ҳамсуҳбат шуд.***




– Истиқлол дар қатори бисёр соҳаҳо ҷиҳати тавсеаи фазои медиа ва рушди он имкониятҳои васеъ фароҳам овард, – гуфт меҳмон аз Тоҷикистон. – Баробари ҳамин, чунин ба назар мерасад, ки дар давраи ҷаҳонишавӣ ба ҳаёти мо воридшавии интернет ва густариши журналистикаи интернетӣ то андозае ба рушди нашрҳои даврӣ таъсир мерасонад. Дар айни ҳол технологияҳои рақамӣ дар кулли ҷабҳаҳо дари имкониятҳои васеъро ба рӯямон мекушоянд. Аз онҳо дуруст ва мақсаднок истифода кардан лозиму халос.

Дар давраи имрӯза оне, ки аз шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебарад, худро журналист меҳисобад. Дар асл ҳамонеро журналисти ҳақиқӣ гуфтан мумкин аст, ки ба маълумотҳои аниқ такя мекунад. Дар арсаи медиа фидоиёни соҳа, ки қалби бедор доранду ба воқеаҳои атроф бефарқ нестанд ва аз тафаккури таҳлилӣ бархурдоранд, хеле зиёданд.

Дар асоси ташаббуси роҳбари мамлакатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҷараёнҳои навсозӣ ба назар мерасанд. Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон айни замон ҳамоҳанг бо дигаргуниҳое, ки дар кишварамон амалӣ мешаванд, самаранок фаъолият мебаранд. Дар асоси музокира ва маслиҳатҳо доир ба рушди шарикӣ ва меҳнат масъалаҳо ҳал карда мешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» қабул карда шудааст. Мақсади он – ба тартиб андохтани муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти ВАО. Дар вилояти Хатлон низ якчанд нашрияи даврӣ мавҷуд. Дар республикаамон воситаҳои ахбори оммавӣ озод буда, онҳо мувофиқ ба қонун фаъолият мебаранд.

Рӯзномаи мо бо номи «Иттифоқ» аз соли 2018 нашр мегардад. Он бо чаҳор ҳазор адади нашр дар ҳашт саҳифа моҳе як маротиба ба дасти хонанда мерасад. Дар моҳнома бобати баробарии ҳуқуқи меҳнатӣ, дар бораи сиёсати гендер (таъмини баробарии гендерӣ), ҳифзи амнияти меҳнат, сиёсати ҷавонон, маориф ва таълим, ҳамкории байналхалқӣ, шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат низ маводҳо ба чоп мерасанд. Марбут ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои меҳнатии ходимон тавассути рукни «Пурсед, ҷавоб медиҳем» ба саволҳои рӯзномахонҳо дар вазъи ҷалб намудани мутахассисон ҷавоб мегардонем. Маводе, ки фаъолияти иттифоқҳои касабавии вилоятро инъикос намудаанд, ҳамеша дар маркази эътибори рӯзномахонҳо қарор гирифтаанд.

Ман ба барномаи анҷумани илмию амалии байналхалқӣ таҳти мавзӯи «Нашрҳои иттиҳодияҳои касабавӣ дар шароити трансформатсия: ҳаракат ба сӯи ҳамгироӣ», ки бо саъю ҳаракати Федератсияи иттифоқҳои касабавии Ӯзбекистон ташкил карда шудааст, шинос шудам. Дар он олимон ва сиёсатмадорони шинохта, фидоиёни арсаи медиа иштирок менамоянд.

Ҷиҳатҳое, ки таваҷҷуҳамро мекашанд, хеле бисёр. Маърӯзаҳоро бо диққат шунида, аз дигаргуниҳои муфид, навигариҳо доир ба соҳа воқиф шуданиам. Худам ҳам суханҳои мегуфтагӣ дорам. Мо, иштирокдорон, таҷрибаҳоямонро ба ҳам дида, якдигарро пурра менамоем.

Бояд эътироф кард, ки Ӯзбекистон дар тамоми соҳаҳо ба давлатҳои минтақа намуна аст. Иттифоқҳои касаба низ аз ин мустасно нест. Таҳти ташаббуси Президентатон муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар ҳузури Федератсияи иттифоқҳои касабавии Ӯзбекистон ташкил шудани Академияи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ далели фикри мост, ки дар Осиёи Марказӣ ягона мебошад.

Ин конфронс нуфузи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистонро дар миқёси байналхалқӣ боз болотар хоҳад бардошт.

# ИМКОНИЯТҲОИ НАВ МАВРИДИ ОМӮЗИШ ҚАРОР ГИРИФТАНД

***Як гурӯҳ олимон ва устодони Маркази таҳқиқоти ҳудудии назди Донишгоҳи давлатии Тирмиз дар ноҳияи Бойсун иқтидори мавҷударо ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор доданд. Дар ин ҷараён аз ҷониби гурӯҳи корӣ вобаста ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ таҳлилҳои амалӣ анҷом дода шуданд.***

Ҳамчунин, бо собиқадорони меҳнат ва куҳансолон мулоқотҳо ташкил гардида, ба таҷрибаи зиндагӣ, фикру пешниҳодҳои онҳо рӯйи эътибор гардонда шуд. Дар рафти суҳбатҳо масъалаҳои рушди иқтисоди ҳудуд, баланд бардоштани самаранокӣ дар кишоварзӣ, боз ҳам беҳтар намудани соҳаҳои иҷтимоӣ ва истифодаи васеи иқтидори сайёҳӣ муҳокима гардиданд.

Дар анҷоми мулоқот барои рушди ҳамаҷонибаи ноҳияи Бойсун, татбиқи лоиҳаҳои нав ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ як қатор пешниҳодҳо ба миён гузошта шуданд.

Омӯзишҳо баҳри ба кор андохтани имкониятҳои ҳудуд, таъмини рушди иқтисодӣ ва боз ҳам баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ хидмат мекунанд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*



# ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТИББӢ ДАР ТИРМИЗ

***Дар Донишгоҳи иқтисод ва сервиси Тирмиз Олимпиадаи якуми байналмилалии тиббӣ таҳти унвони «Termiz-2026» дар сатҳи баланд баргузор шуд.***

Дар ин чорабинии бонуфуз донишҷӯён аз Тоҷикистон, Қирғизистон ва як қатор кишварҳои дигар иштирок намуданд.

Дар доираи олимпиада зиёда аз 100 нафар донишҷӯёни боистеъдод, инчунин намояндагони зиёда аз 10 муассисаи таҳсилоти олии хориҷӣ ва беш аз 50 муассисаи таҳсилоти олии ҷумҳуриявӣ дониш ва салоҳияти худро намоиш доданд.

Ин чорабинӣ барои донишҷӯён на танҳо майдони зӯрозмоии дониш, балки фазои муҳими табодули таҷрибаи илмӣ ва таҳкими ҳамкориҳои академӣ гардид.

Иштирокдорон донишу малакаҳои худро бино ба 10 самти тиббӣ тавассути санҷиш, саволу ҷавобҳои шифоҳӣ ва машғулиятҳои амалии лабораторӣ санҷиданд.

Хусусан, тафаккури клиникӣ, қобилияти дар ҳолатҳои мураккаб зуд ва дуруст қабул кардани қарор ба таври махсус баҳогузорӣ гардид.

Тибқи натиҷаҳои ниҳоӣ, иштирокчиёне, ки холҳои баландтаринро ба даст дароварданд, ғолиб дониста шуда, бо диплом, муҷассама, туҳфаҳои хотиравӣ ва мукофотҳои пулӣ сарфароз гардонида шуданд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Арзиш*

# ТАРБИЯРО АЗ ХОНА ОҒОЗ НАМОЕМ

Тарбия аз хурдӣ дода мешавад. Боре дар автобуси ҷамоатӣ ба маркази шаҳр мерафтам. Дар автобус ҳолатеро шоҳид шудам, ки маро ба андеша водор намуд. Як модар бо ду фарзандаш – як писар ва як духтари синни соли мактабӣ дар курсӣ нишаста буданд. Дар ҳамин ҳол, чанд нафар калонсолон рост истода буданд. Аммо ин кӯдакон бе ҳеч таваҷҷуҳ ҷойро ишғол карда нишаста буданд ва модар низ ба ин ҳолат эътибор надод. Ин манзара маро норозҳат кард: магар тарбия аз хурдӣ дода намешавад? Оё ин кӯдакон, ки имрӯз ба калонсолон эҳтиром намегузоранд, фардо метавонанд шахсони боодоб ва меҳрубон шаванд? Дар фарҳанги халқи мо ҳамеша эҳтироми калонсолон, меҳрубонӣ ва оқибат мавқеи баланд дошт. Падару модарон фарзандони худро бо одобу ахлоқи ҳамида тарбия мекарданд. Ҷой додан ба калонсолон, кумак кардан ба ниёзманд ва сухани нек гуфтан... ин ҳама нишонаи инсони тарбиядида аст.

Мутаассифона, имрӯз баъзан мебинем, ки ин арзишҳо коста шудаанд. Баъзе падару модарон ба тарбияи ахлоқии фарзандон камтар эътибор медиҳанд. Кӯдак бошад, он чизеро меомӯзад, ки мебинад. Агар ӯ дар хона эҳтиром ва меҳрубониро эҳсос накунад, дар ҷомеа низ чунин рафтор намекунад. Аз ин рӯ, вазифаи ҳар як падару модар он аст, ки аз рӯзҳои аввали зиндагии фарзанд ба ӯ одоб, эҳтиром ва меҳрубониро омӯзонад. Зеро тарбия асоси шахсияти инсон аст. Кӯдаке, ки имрӯз бо тарбияи дуруст ба воя мерасад, фардо инсони солеҳ ва барои ҷомеа фоидаовар мешавад.

**Муъҷиза БОБОБЕКОВА,**
**донишҷӯ.**

# БА РОҲ МОНДАНИ РАҚАМИСОЗӢ ВА ИННОВАТСИЯ ДАР СОҲА

***Дар Маркази матбуоти миллии пойтахт нишасти матбуотии Ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбеккӯмир» бахшида ба корҳои баанҷомрасидаи соли 2025 ва вазифаҳои афзалиятнок барои соли 2026 баргузор гардид. Дар он оид ба натиҷаҳои асосии фаъолияти ҷамъият, ислоҳоти амалишуда ва нақшаҳои оянда маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.***

Тибқи натиҷаҳои соли 2025, нишондиҳандаҳои истеҳсолии ҷамъият устувор таъмин гардиданд. Аз ҷумла, 7 миллиону 137 ҳазор тонна ангишт истихроҷ шуда, нақша 105 фоиз иҷро гардид. Ҳаҷми истеҳсолот бо нархҳои амалкунанда қариб 1 триллиону 868 миллиард сӯмро ташкил дода, беш аз нақша иҷро гардид. Ҳамзамон, аҳолӣ ва объектҳои соҳаи иҷтимоӣ бо ангишт таъмин шуданд.

Барои мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 аҳолӣ ва ташкилотҳои буҷетӣ 100 фоиз бо ангишт таъмин шуданд. Бо мақсади таъмини шаффофият, фурӯши маҳсулот тавассути платформаи электронии «misoal.uz» ба роҳ монда шуд.

– Дар давраи ҳисоботӣ ба рушди инноватсионӣ диққати махсус дода шуд. Дар давоми сол 8 лоиҳаи инноватсионӣ амалӣ гардида, самаранокии истеҳсолот афзоиш ёфта, истифодаи сарфакоронаи захираҳои сӯзишворӣ ва энергетикӣ таъмин гардид ва таъсири экологӣ коҳиш ёфт. Бо ҷорӣ намудани системаҳои ҶПС (дастгоҳи махсус) ба техника назорат пурзӯр гардида, воситаҳои муосири алоқаи радиоӣ ба кор дароварда шуданд, инчунин бо истифода аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия масрафи нерӯи барқ кам карда шуд.

Ҳамзамон, ба дастгирии иҷтимоии кормандон диққати ҷиддӣ дода шуда, соли 2025 маоши миёна 15,9 фоиз зиёд шуда, ба 7,3 миллион сӯм расид. Дар охири сол ба кормандон мукофотпулӣ низ пардохт гардид, – гуфт дар баромади худ мутахассиси соҳа М. Маматисоев.

Таъкид гардид, ки дар ҷамъият барои таъмини ошкорбаёнӣ ва шаффофият, мубориза бо коррупсия ва густариши равандҳои рақамисозӣ корҳои мунтазам анҷом дода шуданд. Технологияҳои муосири иттилоотӣ ба равандҳои идоракунӣ ва истеҳсолот ҷорӣ гардида, гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ва механизмҳои назорати рақамӣ такмил дода шуданд. Барои беҳтар намудани муошират бо ҷомеа, низоми кор бо муроҷиатҳо низ такмил ёфта, қисми зиёди муроҷиатҳо ҳалли мусбӣ ёфтанд.

Дар соли 2026 дар назди ҷамъият вазифаҳои зиёд гузошта шудаанд. Аз ҷумла, дар соли ҷорӣ кушодани қабати болоии кон ба ҳаҷми 36 367,0 ҳазор метри мукааб ва истихроҷи 5,7 миллион тонна ангишт ба нақша гирифта шудааст. Дар нимаи аввали сол ба истеъмолкунандагон зиёда аз 3,4 миллион тонна ангишт расонда дода мешавад.

Аз ҳисоби истифодаи самараноки захираҳои энергетикӣ ва сӯзишворӣ, дар нимаи аввали сол беш аз 8 миллиард сӯм сарфа намудани маблағ, инчунин сарфаи садҳо тонна сӯзишвории дизел ва зиёда аз 3 миллион киловатт-соат нерӯи барқ пешбинӣ шудааст.

Дар доираи барномаи маҳаллисозӣ, истеҳсоли намудҳои нави қисмҳои эҳтиётӣ васеъ гардида, дар нимаи аввали сол истеҳсоли маҳсулот ба маблағи 3,2 миллиард сӯм ба нақша гирифта шудааст. Ҳамзамон, идомаи рушди инноватсионӣ, тақвияти ҳамгироии илм ва истеҳсолот ва татбиқи лоиҳаҳои нав дар назар аст.

Дар самти ҳифзи муҳити зист, ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакоронаи энергия, пурзӯр намудани мониторинги экологӣ ва густариши корҳои кабудизоркунӣ пешбинӣ шудааст.

Таъмини шаффофият дар фаъолияти ҷамъият ва рушди ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма ва ҷомеа низ аз вазифаҳои афзалиятнок боқӣ мемонад. Бо ин мақсад, дар соли ҷорӣ баргузории як қатор чорабиниҳои матбуотӣ, брифинг ва мулоқотҳои кушод ба нақша гирифта шудаанд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Гиромидошт*

***Чанде пеш нашриёти «Sahhof»-и Тошканд ба кори хайре даст зада, ҷамъи мақолаҳои публитсистӣ, очеркҳо ва намунаи тарҷумаҳои назмию насрии журналист ва мутарҷими моҳир Аҳмадҷон Мухторовро ба муносибати 90-солагии мавлудаш аз силсилаи «Зарафшон кутубхонаси» зери унвони «Умрнинг олтин тарозиси» аз чоп баровард. Воқеан, пас доштани хотираи Аҳмадҷон Мухторов (1936-2000) барои аҳли қаламӣ Ӯзбекистон ҳам қарз, ҳам фарз аст. Ӯ дӯсти қарини «Овози тоҷик» ҳам буд.***

# ПАЛАВ, ҲЕЗУМИ БЕПУЛ ВА ХАТНАСУРИИ САИДРИЗО АЛИЗОДА

Робитаи неки вай бо идораи рӯзнома, шахсан бо сармуҳаррири он, устод Шавкат Ниёзов, хусусан баъд аз он, ки мавсуф соли 1985 аз Самарқанд ба Тошканд омада, аввал сармуҳарририи рӯзномаи «Қишлоқ ҳақиқати» (ҳоло «Қишлоқ ҳаёти») ва пас аз соли 1991 сармуҳаррири нахустини рӯзномаҳои «Халқ сӯзи» – «Народное слово» таъин шуд, мустаҳкамтар шуд. Ба таъбири Фармон Тошев – сармуҳаррири рӯзномаҳои «Зарафшон» – «Самаркандский вестник» Аҳмадҷон Мухторов «инсонест, ки барои рӯзнома ба дунё омадааст!»

Шояд бинобар сарлавҳаи мо дар муштариён саволе пайдо шавад, ки Саидризо Ализода ба китоби тозанашр чӣ алоқа дорад?

Гап сари он аст, ки дар китоб доир ба ин ҷоннисори матбуоти тоҷик, парчамбардори ҳаракати ҷадидӣ дар Самарқанд, қурбони сиёсати истибдоди солҳои 30-юми асри гузашта мақолаи «Маърифатпарвар Саидризо Ализода» ҳам ҳаст.

Оре, дар бораи зиндагинома ва фаъолияти Ализода мақолаи мазкур матлаби ягона нест. Хусусан солҳои охир доир ба ӯ китоби алоҳида (2011) ва дар телевизион барномаҳо, дар матбуот силсилаи мақолаҳо чоп ва таҳия шуда, чорабиниҳо баргузор гардидаанд. Дар бораи нақши Ализода дар инкишофи матбуоти тоҷик низ бисёр навиштаанд. Аз ҷумла, доктори улуми филологӣ, профессор Ҷумъа Ҳамроҳ мақолаи муфассалеро бо номи «Дар роҳи худшиносии миллӣ ё сухане чанд аз зиндагӣ, осор ва корномаи Саидризо Ализода» дар («Овози тоҷик») навишта буд.

Вобаста ба фаъолияти рӯзномаи маҳбуби «Овози тоҷик» кори босазои Саидризо Ализода дар баробари хидматҳои Устод Садриддин Айнӣ, Раҳим Ҳошим, Ҳоҷӣ Муин ва амсоли онҳо бисёр ба забон гирифта мешавад. Дар китоби ҷашнии «Овози тоҷик: «Сад соли пуровоза» ҳам номи ӯ чанд дафъа қайд шудааст. Дар пешгуфтори сармуҳаррири рӯзнома Шерпӯлод Вакилов дар китоби мазкур аз ҷумла омадааст: «...баъди талошҳои беандозаи равшанфикрони матиниродаю сарсупурдаи миллат, амсоли Садриддин Айнию Саидризо Ализодаҳо «Овози тоҷик» арзи вуҷуд кард». Воқеан замоне, ки Абдулқаюм Қурбӣ муҳаррири рӯзнома буд, Ализода вазифаи котиби масъулро бар зимма дошт. Муҳаррири дигари рӯзнома Муҳаммадҷон Ҳасанов ҳам саҳми ӯро дар ин ҷабҳа алоҳида таъкид мекунад. Дар сурати ҳайати таҳририяи рӯзнома (1928) низ дар қатори Ғ. Козимзода, Ҳоҷӣ Муин, Ш. Садруллин акси Саидризо Ализода ҳаст.

Бояд махсус таъкид намуд, ки солҳои охир ҳам дар Ӯзбекистон, ҳам дар Тоҷикистон вобаста ба ҷунбиши ҷадидӣ, забон ва матбуот, сарнавишти Саидризо Ализода мақолаҳои зиёд дарҷ шуданд. Камина низ дар арафаи рӯзи таваллуди ин шахсияти бузург (15 феврал) мақолаеро таҳия кардам. Соли дигар ба муносибати 140-умин солгардаш, бешак боз бисёр хоҳанд гуфт.

Вале ҷиҳати муҳими очерки Аҳмадҷон Мухторов дар бораи Саидризо Ализода он аст, ки муаллиф онро баъд аз сафед шудани Ализода дар охири солҳои 50-ум аз аввалинҳо шуда дар асоси гуфтаҳои ҳамсуҳбатони вай 5 октябри соли 1967 чоп кардааст. Маълум аст, ки Ализода соли 1938 бо туҳмат гирифтори зиндон ва ба Сибир бадарға мешавад. 25 декабри соли 1945 дар ҳамон ҷо аз беморӣ вафот мекунад. Хоки ӯро набераaш, инсони нек Фарҳод Ализода (умрашон дароз бод) ба Самарқанд овардааст.

Дар очерк диққати моро навиштаҳои муаллиф бештар аз хусуси саховатпешагию ҳимматбаландии Саидризо Ализода ба худ ҷалб намуданд, ки имрӯз ин фазилатҳо, мутаассифона кам ба назар мерасанд. Бино ба навиштаи Аҳмадҷон Мухторов Саидризо Ализода, нисбати камбағалон, камбизоатон бисёр меҳрубон ва ҳоҷатбарор будааст. Чунончи, баробари фарорасии тирамоҳ эҳтиёҷмандони Боғишамолро аниқ ва номашонро дар дафтарчааш қайд намуда, аз деҳқонони миёнаҳол, боғдорон ҳезум харида, ба онҳо тақсим карда додааст.

– Дар маҳаллаи Лолазори шаҳри Самарқанд, – менависад А. Мухторов, – шахсеро медонам бо номи Ғуломака Муродов. Ӯ Саидризо Ализодаро шахсан медонистааст, саховати вайро бо чашмонаш дидааст. Бино ба нақли Ғуломака он айём Ализода дар идораи рӯзнома кор мекардааст. Ғуломака бошад, ошпази бозорчаи кӯҳна.

– Ба камбағалоне, ки бо дастхати ман меоянд, чунонки ба ман ҳар рӯз як коса палав медиҳед, – таъкид кардааст Саидризо.

Ҳамин тавр, ҳашт-даҳ камбағал ҳар рӯз аз ҳисоби Ализода таом мехӯрданд.

Имрӯз мо ба базмҳои пуркарру фари сарватмандон бисёр гувоҳ мешавем. (Дарвоқеъ, дар ин маҷмӯа мақолаи танқидии «Тӯй, тӯйчӣ, тӯйхӯр» ҳам ҷой дорад). Аз очерк аён мешавад, ки Ализода вақте хатнасури писарашро мегузаронад, аз сарватмандон ва одамони, ба қавле шикамсер, касеро ба он даъват накардааст. Маслиҳати онро низ бо чор-панҷ нафар дӯстони камбағалаш гузарондааст. Падараш Мирмаъсумбобо бо хавотирӣ аз писараш мепурсад:

– Агар фардо маърака бошад, мардумро кай хабар мекунӣ?

– Асло хиҷолат накашед, падар, меҳмонон даъват карда шуданд, – гуфта ҷавоб додааст Саидризо.

Рӯзи маърака падар ва амакҳояш барои истиқболи меҳмонон назди дарвоза даст пеши бар саф мекашанд. Аммо аз ҳама бештар бенавоёни деҳа – чорякқорон, мардикорон, косибон ва дигар табақаи камбағалон меоянд. Онҳо хиҷолат кашида, барои ба ҳавлӣ даромадан шарм медоранд. Ин манзараро дида, Саидризо онҳоро ба меҳмонхона таклиф мекунад. Камбағалони пойлуч аз ништастан ба кӯрпачаҳои меҳмонхона худдорӣ мекунанд.

– Дароед, маърака аз они шумо, шарм накунед, – мегӯяд ӯ.

Аз таърих маълум аст, ки Саидризо дар мадрасаи Алганҷӣ қариб 10 сол таҳсил карда, илм ва забонҳои зиёдро (ӯ 14 забонро медонист) омӯхта буд. Дар мактаби ибтидоӣ 10 сол муаллимӣ кардааст. Ин мактаб пулакӣ буд. Бинобар ин Ализода аз он рӯҳан азият мекашид, ки фарзандони аҳли бенаво аз имконоти гирифтани таълим маҳруманд. Ӯ аз маошаш китобу дафтар харида, ба зиёда аз 20 нафар бепул дарс додааст. Барои мактабҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ китобҳои дарсӣ ҳам навиштааст. Дар очерк қайд мешавад, ки аз ҳавлии С. Ализода ҳатто шабу нимишаб ҳам пойи одамони ба ёрию маслиҳат муҳтоҷ канда намешуд.

Ҳазорон дареғ, ки чунин шахси худогоҳу худошинос гирифтори туҳмат шуда, дар зиндонҳои сарди Сибир азият кашида, вафот мекунад. Тавре устод Ҷумъа Ҳамроҳ менависад: «Чеҳраи инсонӣ ва ҳунарии ин марди шариф, ки аз замони «каҷдору марез» наҳаросида аз забон, мактабу маориф, худшиносиву худогоҳии миллӣ ҳимоят кардааст, дар хилоли навиштаҳояш азизи мардуми огоҳ боқӣ хоҳад монд».

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ.**

# ҶАШНВОРАИ «НАСРИДДИН АФАНДӢ» ВА «ТАОМҲОИ ШАРҚ»

***Ба муносибати Рӯзи ҷаҳонии ҳазлу мутоиба – 1 апрел дар шаҳри Бухоро фестивали анъанавии «Насриддин Афандӣ» ва «Таомҳои Шарқ» баргузор гардид.***

Гуфтан ҷоиз аст, ки ин тадбир дар шаҳри кӯҳна даҳ сол боз сурат мегирад. Дар арафаи оғози ҷашнвора шаҳри кӯҳна намуди идона дошт. Овезаю шиорҳо, лӯхтакҳои хурду бузурги зебо, тасвирҳои ҳаҷвии қаҳрамонҳои миллии афсонаҳои мардумӣ ба ҳавои наврӯзӣ ҷӯр гашта, ба дилҳо фараҳ мебахшиданд. Садои пурҷозиба ва дилкаши савту сурудҳои ҷамоаю ансамблҳои фолклорӣ-этнографӣ, дастаҳои бадеии шаҳру ноҳияҳо ҷозибаи тадбирро меафзуданд. Пагоҳӣ иштирокдорони ҷашнвора, ки дар майдони Арк омодаи парад шуда буданд, зери садои дилнавози карнаю сурнай тавассути маҷмӯи «Пои Калон» сӯи мадрасаи «Нодир Девонбегӣ», ки пайкараи Насриддин Афандӣ он ҷост, раҳсипор гардиданд. Дар он ҷо маросими рамзии кушодашавии фестивал сурат гирифт. Ҷонишини ҳокими вилоят Ботирҷон Шаҳриёров





ҳозиронро бо Рӯзи ҳазл ва мутоиба муборакбод намуд.

Дар гузари «Говкушон» дар доираи ҷашнвораи «Таомҳои Шарқ», озмуни «Оши софӣ» ба амал омад. Намоиши маҳсули дастони ҳунармандон, ширинию ширaвopӣ, таомҳои гуногуни миллию халқҳои олам диққати меҳмонон, хусусан сайёҳони хориҷиро бештар сӯи худ кашид. Ҳамин тариқ, дар давоми рӯз дар фазои шаҳр баробари савту суруд садои хандаю шодӣ танин андохта, ҷашнвора ба иди дӯстии халқҳо табдил ёфт.

Бояд таъкид намуд, ки дар охир 35 нафар ғолибони 22 номинатсия муносиб ҳавасманд гардонда шуданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# СУМКАИ МАКТАБӢ: ЧАРО МЕЪЁР РИОЯ НАМЕШАВАД?

***Ҳоло ду нафар фарзандам дар синфи ибтидоӣ таҳсил мегиранд. Ҳар субҳ, вақте онҳоро ба мактаб гусел мекунам, вазни сумкаҳои онҳоро дида, то ҳадде нигарон мешавам. Ҳамарӯза чанд дона китобу дафтарро, ки аксар андозаи калону вазни зиёд доранд, инчунин, асбобҳои зиёди хонишро бо худ мебаранду мебиёранд. Рӯзҳое, ки дарси тарбияи ҷисмонӣ доранд, бар замми сумкаи вазнин, либосҳои варзишӣ низ ҳамроҳ мешаванд.***

Воқеан, имрӯз гаронии сумкаҳои донишомӯзони синфҳои ибтидоӣ, бахусус синфи якум ба яке аз мушкилоти муҳими низоми таълим табдил ёфтааст. Ва ин ҳолат маро низ ба сифати як модар нигарон кардааст. Ҳар гоҳ гаронии сумкаҳои фарзандонамро бинам, дилсӯзона хоҳиш мекунам, ки ягон китобро набаранд. Афсӯс, ки онҳо «агар китобро набарем, муаллим танбеҳ медиҳад» гуфта, ҳама китобҳоро бо худ мебаранд.

Дуруст аст, ки мавҷудияти китоби дарсӣ барои беҳтар аз худ намудани дарс мусоидат мекунад. Аммо имрӯз масъала танҳо бо зиёд будани китобҳо маҳдуд намешавад. Баробари ҳар як китоби фаннӣ, хонандаро лозим аст, ки дафтарҳои машқи онҳоро низ бо худ бигирад. Яъне, барои ҳар як фан – китоб, дафтари синфӣ ва дафтари машқ алоҳида аст. Яъне, агар рӯзе чор соат дарс бошад, хонанда маҷбур аст, ки чор китоб, чор дафтари синфӣ ва чор дафтари машқ, дар маҷмӯъ дувоздаҳ китобу дафтарро бо худ барад. Агар ба ҳисоби миёна вазни ҳар яке аз онҳоро 300 граммӣ ҳисоб кунем, вазни умумии китобу дафтарҳо қариб чор килограмм мешавад. Саволе ба миён меояд, ки оё ин барои донишомӯзи синфи якум вазнин нест?

– Вазни сумкаи донишомӯз набояд аз 10 фоизи вазни ӯ зиёд бошад. Масалан, вазни миёнаи кӯдак дар 7-солагӣ тақрибан 23 килоро ташкил медиҳад. Яъне барои онҳо вазни миёнаи қобили қабули сумка набояд аз 2,3 килограмм зиёд бошад. Вазни миёнаи кӯдакони 10-сола бошад, тақрибан 32 килограмм мебошад. Аз нигоҳи тиббӣ, вазни ҷузвдони онҳо бояд 3-3,2 килограмм бошад. Вале дар амал дар бисёр маврид ин меъёр риоя намешавад.

Зиёд будани вазни сумка метавонад паёмадҳои нохуш ба миён орад. Бори вазнин дер ё зуд ба инкишофу саломатии донишомӯзон таъсири манфии худро мерасонад. Дарди гардану китф, каҷшавии сутунмӯҳра, хастагии бармаҳал ва коҳиши таваҷҷуҳ ба дарс аз мушкилоте мебошанд, ки маҳз дар натиҷаи аз меъёр зиёд будани вазни ҷузвдон ба миён меоянд. Дар ин раванд, вазъи ҷисмонии кӯдак, вақт ва масофае, ки ӯ бо сумка ҳаракат мекунад, сифати ҷузвдон низ аҳамият дорад. Хонандае, ки субҳ бо бори вазнин мактаб меравад, дар роҳ хаста мешавад. Дар натиҷа, ӯ наметавонад дар дарс фаъол бошад, бо завқ дониш омӯзад, мавзӯъро хуб аз худ намояд. Бинобар ин, бо ин масъала беэътибор будан нашояд, – мегӯяд мутахассиси бемориҳои кӯдакон Шаҳноза Мирзоева.



Бояд гуфт, ки мувофиқи қарори Девони Вазирон аз 28 декабри соли 2022 таҳти рақами 726 «Дар бораи тасдиқ кардани низоми техникии муайян кардани талаботи бехатарии маҳсулоти матбаа барои муассисаҳои таълимӣ» вазни китобҳои дарсӣ муқаррар гардидааст. Мувофиқи қарор, вазни китобҳои дарсӣ барои синфҳои 1-4-ум 400 (ё 10 фоиз), барои синфҳои 5-9-ум 500 (ё 10 фоиз) ва барои донишомӯзони синфҳои 10-11-ум дар ҳудуди 600 грамм (ё 10 фоиз) муайян карда шудааст.

Бино ба таъкиди мутахассисони соҳа, паёмадҳои нохуши бардоштани сумкаи вазнин на дар як ё ду, балки бо гузашти 10-15 сол мушоҳида мешавад. Шифокорон мегӯянд, ки ин ҳолат на танҳо ба сутунмӯҳра ё бандҳои он, балки ба дигар узвҳо ҳам зарар мерасонад. Масалан, вақте бор вазнин мешавад, хонанда барои тезтар ба манзил расидан, зуд-зуд қадам мегузорад ва дар натиҷа бештар энергия сарф мекунад. Ҳамзамон, тез нафас кашида, хаста мегардад. Ва ин ҳама боиси дарди пою мушак, хасташавӣ дар ҳолати психоэмотсионалӣ мегарданд. Пас моро зарур аст, ки дар ин маврид ҷиддитар мулоҳиза намоем, роҳҳои муассиру самарабахши ҳалли ин мушкилро дарёбем, то бори сумкаи фарзандони худро камтар намоему саломатии онҳоро ҳифз ва таваҷҷуҳашонро ба таълиму тадрис бештар созем.

**Шоҳсанам ТӮЙНАЗАРОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Ахлоқ*

# БАҲРИ МУСТАҲКАМИИ ОИЛА

***Пӯшида нест, ки вайроншавии оила, хусусан оилаҳои ҷавон яке аз мушкилоти ногувори ҷамъияти имрӯза гардидааст. Дар натиҷа кӯдакон зиндаятим монда, аз меҳри падар ё ки модар маҳрум гардида истодаанд.***
***Яке аз сабабҳои асосии вайроншавии оилаи ҷавон, ба оиладорӣ тайёр набудани ҷавонон мебошад. Аз тарафи дигар, молу дунёпарастӣ аксар оилаҳоро бебахт карда истодааст.***

Ба оиладорӣ омода кардани фарзанд вазифаи муҳими мо – калонсолон мебошад, бояд духтарро модар ба хусусиятҳои ба худ хоси оиладорӣ ошно намояд. Ҷавонписаронро ба ҳаёти мустақилона тайёр намудан бар дӯши падар гузошта шудааст.

Аммо баъзе падарон ба ҷои касбу ҳунар омӯзонидан ба фарзандашон роҳи сабуки пулёбиро нишон медиҳанд. Дар натиҷа, оилаи ҷавон ба муаммое дучор шуда, ба дастгирии калонсолон мӯҳтоҷ мегардад. Аксарияти низоъҳои оилавӣ аз мушкилоти молиявӣ ва иқтисодӣ сар мезанад. Қисми дигари низоъҳо бобати ба ҳавою ҳавас дода шудани ҷавонон пайдо шуда истодааст. Дар ҷавонони имрӯзаи мо сабр, дурандешӣ, қаноатмандӣ барин хислатҳо кам ба назар мерасанд, ки сабаби ин аз анъанаҳои миллӣ, урфу одатҳои бобоён бехабар мондани онҳост.

Корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, ки аз тарафи ташкилотҳои ҷамъиятӣ, идораҳои давлативу маҳаллӣ бурда мешавад, натиҷаи дилхоҳ надода истодааст. Аксарияти чорабиниҳо барои иҷрои нақша, барои ҳисобот ва дар матбуот нишон додан гузаронида мешаванд.

Барои мустаҳкамии оила маърифати миллӣ ва маданияти оиладориро ба таври бояду шояд ба ҷавонони бавоярасида дар маҳаллаҳо талқин карданамон лозим аст. Дар чорабиниҳо на ба миқдори иштирокчиён, балки ба маслиҳатҳои муфиди онҳо эътибор додан мувофиқи мақсад аст. Дар ин ҷода коғазбозиро кам карда, оилаҳоро зиёд кардан лозим.

Дар роҳи ба оиладорӣ тайёр кардани ҷавонон куҳансолони маҳалла бояд кор баранд.

Дар баробари тарғиби маърифати оиладорӣ тарғиби маърифати миллӣ низ бояд ба роҳ монда шавад.

Дар ин роҳ мо бояд аз китобҳои бахшида ба оиладорӣ хуб истифода барем. Дар ин китобҳо маслиҳатҳои беназир оиди тарбияи фарзанд, ба оиладорӣ тайёр шудани ҷавонон, тартибҳои муносибати зану шавҳар ва маданияти оиладорӣ дода шудааст.

**Баҳодур БОТИРОВ,**
**ноҳияи Чусти**
**вилояти Намангон.**

Ҷамоаи «Овози тоҷик» ба хабарнигори рӯзнома дар вилояти Бухоро Амрулло Авезов нисбати вафоти бемаҳали додараш

**Шухрат АВЕЗОВ**

ҳамдардии амиқ изҳор карда, ба аҳли оила ва наздикони марҳум сабри ҷамил мехоҳад.

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-428.
Адади нашр 2059. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.